# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим дар мавзуи “Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)**

Шоирону нависандагон дар шинохти каломи мавзуну сухани ноб яке аз гавҳаршиносони беназири укёнуси илму адаб шинохта шудаанд. Маҳз бо туфайли накҳати дилошуби гулистони ашъору осори онҳо чаманистони махзани илму адаб муанбар аст. Калимоту ибороте, ки аз нуги қалами онҳо рӯйи сафҳа меояд, ҳар кадоме дар тарозуи ақл баркашида ва дар кӯраи оташи андешаашон гудохта шуда, пешкаши аҳли илму адаб мегарданд. Аз ҳамин ҷост, ки дар забон калимаву маъниҳои нав зуҳур мекунанд ва таркиби луғавии забонамонро боз ҳам бою ғанитар мегардонанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Шоири нуктасанҷу борикназар Шамсиддин Шоҳин аз зумраи он шоиронест, ки таркиби осорашон мамлуъ аз суханпардозиҳои нав, маъниҳои баланд ва шоҳкориҳои наҷиб аст. Забон ва услуби осори шоир бо як қатор хусусиятҳои фардиву фарққунандааш аз эҷодиёти шоирони дигар фарқ мекунад. Суханшиносон, аз ҷумла адабиётшиносону забоншиносон маҳз рангорагии осори шоирро ба назар гирифта, паҳлуҳои гуногуни осори ӯро ба риштаи таҳқиқи илмӣ кашидаанд.

Яке аз чунин корҳо диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим таҳти унвони “Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин” мебошад, ки ба масъалаи омӯзишу таҳқиқи ҳамин масъалаи ҷолиби диққат бахшида шудааст. Таҳқиқоти мазкур ба самти забоншиносӣ, махсусан, ба бахши забони тоҷикӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) комилан мувофиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Ҳарчанд доир ба роҳҳои калимасозии забони тоҷикӣ асару мақолаҳои зиёди илмӣ навишта шуда бошад ҳам, ба таври комил усулҳои калимасозӣ муайян нашудаанд. Аз ин ҷиҳат, баррасии усулҳои калимасозии осори адибони давраҳои гуногун ҳоизи аҳамият мебошад. Бинобар ин, таҳқиқи роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин имкон медиҳад, ки ба ин масъалаи муҳимми илмӣ саҳифаи нав боз гардад. Таҳқиқи роҳои калимасозии исм дар осори адиби мазкур дар забоншиносии тоҷик бори нахуст мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ҳамаи ин масоил аз мубрам будани мавзуи таҳқиқотӣ дарак медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии таҳқиқ аз он иборат аст, ки баррасии калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин ҳамчун масъалаи илмӣ бори аввал мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар диссертатсия ба истисnoи роҳҳои анъанавии тадқиқ дар муайян намудани қолибҳои калимасозии исм, нақши такрор дар сохтани калимаҳои исмии мураккаби пайваст, мавқеи миёнвандҳо дар сохтани исмҳои мураккаби пайваст ва ҳоказо бо овардани далелҳои асоснок маълумоти тозаи илмӣ пешниҳод мегардад. Масоили назарияви таҳқиқ бо мисолҳои мушахаси илмӣ аз осори адиб тасвиб мегардад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқот дар асоси маводи осори Шамсиддин Шоҳин сурат гирифта, зимни баррасии хусусиятҳои калимасозии он аз осори назарии муҳаққиқони забардасти соҳаи калимасозӣ истифода шудааст. Дар кори диссертатсионӣ дақиқияти маълумот, интихоби дурусти роҳу равиши кор, мутобиқати меъёри истифодаи мавод, таҳлили муқоисавии он, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва теъдоди интишорот гувоҳи эътимоднокии кори

диссертатсионӣ мебошанд. Хулосаи диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим дар 18 банд гирд омада, дар онҳо муҳимтарин ва асоситарин бардоштҳои рисоланавис дида мешаванд ва ба назари мо мазмуну муҳтавои корро пурра инъикос менамоянд. Дар бахши тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои кори диссератсионӣ диссертант дар 7 банд пешниҳодҳои мушаххас кардааст, ки дар воқеъ дурнамои мавзуи таҳқиқотӣ мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Диссертатсияи мавриди таҳқиқ дар муайян сохтани масоили муносибатҳои сохторию маъноии калимасозӣ дар грамматика, муайян намудани робитаи байни лексикология ва морфология, роҳҳои рушди калимасозии забони тоҷикӣ аҳаммияти муайяни назариявӣ дорад.

Таҳқиқоти мазкур барои муҳаққиқони соҳаи забоншиносӣ, омӯзгорони фанҳои марбут ба бахшҳои забоншиносии ихтисосҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои миёнаи касбӣ ва миёнаи умумӣ маводи фаровони назариявию амалӣ манзур менамояд. Ҳамчунин, маводи диссертатсия дар таҳияи бобу фаслҳои ҷудогонаи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ бахшҳои морфология ва калимасозӣ, барои ташкил ва гузаронидани семинар ва курсҳои махсус оид ба масъалаҳои калимасозӣ дар забоншиносии тоҷик мавриди истифода қарор гирифта метавонад.

**Қисмати асосии таҳқиқ**. Диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия, феҳрасти адабиёт, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, дар ҳаҷми 198 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия гардидааст.

Дар диссертатсия доир ба мубрамӣ ва зарурати таҳқиқи масъалаи мазкур, дараҷаи азхуд шудани мавзуи илмӣ, ҳадафу объекти таҳқиқот, мавзуъ ва масъалаҳои диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, эътимоднокии натиҷаҳои он, заминаҳои методологӣ ва назариявии он, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии пажуҳиш баён гардида, мақсад ва вазифаҳои асосии диссертатсия мушаххас шудаанд.

Боби якуми диссертатсия "Таҳқиқи тарзи калимасозии морфологӣ дар осори Шамсиддин Шоҳин" ном дошта, аз ду фасл ва 5 зерфасл иборат аст. Боби мазкур ба масъалаи калимасозии пешвандиву пасвандии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин бахшида шудааст. Диссертант дар ин қисмати кор сараввал нуқтаи назари забоншиносонро доир ба мақому ҷойгоҳи морфемаи исмсоз оварда, маҳсули эҷоди онҳоро таҳқиқу баррасӣ намуда, хулосаҳои мантиқии илмӣ баровардааст.

Бояд махсус қайд намуд, ки дар баробари ин диссертант барои муайяну мушаххас намудани тарзу истифодаи морфемаҳои калимасоз ба қадимтарин луғату фарҳангномаҳо ва нодиртарин сарчашмаҳои илмиву адабӣ, ки аз ҷониби забоншиносони шинохтаи ватаниву хориҷӣ дар илми забоншиносӣ ба сифати асарҳои заминавӣ шинохта шудаанд, муроҷиат намуда, маълумоти муфиду боварибахш додааст.

Аз рӯйи машоҳидаҳои диссертант бо пешванди калимасози ҳам-, ки ягона пешванди калимасози исм маҳсуб меёбад, дар осори Ш. Шоҳин 12 вожаро дарёфт кардааст. Чунончи: ҳаминон, ҳамришта, ҳамвисоқӣ, ҳамзабонӣ ва монанди инҳо. Мисолҳои мазкурро бо овардани байтҳои зиёд аз эҷодиёти шоир баррасӣ намуда, вожаҳои ба мисли ҳамришта, ҳамвисоқӣ ва чанде дигарро аз рӯйи маънои луғавӣ маънидод кардааст. Дар ин миён ҷойгоҳи шоир ва мақоми суханофарии ӯро тавассути пешванди исмсози ҳам- ба хубӣ нишон додааст.

Калимасозии пасвандҳои исмсоз дар ашъори шоир мавқеи бисёр муҳимро касб мекунад. Шоири нуктасанҷу маънирас Шамсиддин Шоҳин тамоми вазифаҳои

дастурӣ ва имкониятҳои калимасозии пасвандҳои исмсозро ба ҳисоб гирифта, калимаҳои зиёд офаридааст, ки бо паҳлуҳои гуногуни луғавӣ ва сохтору маънояшон дар ашъори шоир мавқеи вижаро касб мекунанд. Диссертант дар рисолаи илмиаш пасвандҳои исмсозро аз рӯйи анъана бо дарназардошти доираи истеъмолашон ба се гурӯҳ: пасвандҳои сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул ҷудо намуда, аз рӯйи ин тақсимот вожаҳои бо пасвандҳои исмсоз дар ашъори шоир корбастшударо таҳлилу баррасӣ намудааст.

Аз рӯйи таҳқиқи диссертант пасвандҳои -ӣ/-гӣ, -иш, -а дар эҷодиёти шоир серистеъмол буда, шоир бо ин гуна пасвандҳо калимаҳои зиёди гуногунмаънову гуногунсохтро моҳирона истифода кардааст. Масалан, бо пасванди -ӣ/-гӣ калимаҳои одамӣ, савдоӣ, дилдодагӣ, сапедӣ, хубӣ, пасванди -иш вожаҳои оромиш, пӯзиш, омезиш, полоиш, бо пасванди -а калимаҳои забона, заҳра, баҳра, дандона, нишонаро корбаст кардааст.

Диссертант ба гурӯҳи пасвандҳои каммаҳсул морфемаҳои исмсози -дон (намакдон, занахдон, хонадон), -ак (дилак, зоғак), -истон (гулистон, бустон, наргисистон) дохил кардааст. До ашъори шоир бо пасчванди -истон вожаи **наргисистонро** дучор меояд, ки ба андешаи муаллиф маҳсули эҷоди фардии шоир аст. Бинобар маълумоти диссертант пасвадҳои бемаҳсуле, ки дар калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик мавриди истифода қарор доранд, дар ашъори Шамсиддин Шоҳин низ дараҷаи истифодаашон яксон ба назар мерасад.

Ҳамин тариқ, диссертант дар ин боб ба як қатор муваффақиятҳои илмӣ ноил гашта, ба мақсади дарпешгузоштааш расидааст.

Боби дуюми диссертатсия "Калимасозии исм тавассути дериватсияи дубора, усули пешвандию пасвандӣ, транспозитсия (субстантиватсия) ва тарзи аффиксоидӣ" ном дорад. Боби мазкур аз панҷ фасл (бо зерфасл) иборат мебошад. Дар ин боб дар бахши муқаддимотӣ доир ба масъалаҳои мухталифи калимасозии исм: дериватсияи дубора, усули пешвандию пасвандӣ, нақши роҳи

калимасозии конверсиалӣ (роҳи морфологию синтаксисии калимасозӣ), дар калимасозии исм аз тариқи аффиксоидҳо сохта шудани исмҳои нав баррасиҳо анҷом дода шудааст. Дар ин боб ду роҳи калимасозиро аз сар гузаронидани исмҳои осори Ш. Шоҳин низ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Диссертант ин қолиби калимасозиро бо истилоҳи дериватсияи дубора ёд кардааст. Бинобар таҳқиқи диссертант дар осори Шоҳин барои дар ин қолаб сохта шудани исмҳо нақши пасванди -ӣ назаррас аст. Барои нишон додани маҳсулнокии пасванди -ӣ чунин мисолҳоро ба сифати далел зикр кардааст: харидорӣ, ёрмандӣ, пайвастагӣ, сугворӣ, ошуфтагӣ ва монанди инҳо. Гузашта аз ин, дар осори шоир бо пасванди ҷамъбандии -он//-ён дар ин қолиб исмҳоро дучор омадан мумкин аст. Лекин доираи истеъмоли пасванди мазкур нисбат ба мавқеи истеъмоли пасванди -ӣ маҳдудтар ба назар мерасад. Чунончи: Аббосиён, пешиниён...

Қисмати дигари боби мавриди назар ба калимасозии усуси пешвандию пасвандии исм бахшида шудааст. Ин усули калимасозӣ дар осори шоир ба мисли забони адабии ҳозираи тоҷик сермаҳсул аст. Барои дар ин қолиб сурат гирифтани калимасозӣ дар осори Шоҳин аз рӯйи мушоҳидаву таҳқиқи диссертант бештар пешвандҳои ҳам-, бе- ва но- корбаст шудаанд. Чунончи, бо пешванди исмсози ҳам-: ҳамҷаворӣ, ҳамрикобӣ, ҳамрозӣ; бо пешванди бе-: бевафоӣ, бешармӣ, беқарорӣ, беватанӣ, бепардагӣ, беҳосилӣ; бо пешванди но-: нотамомӣ, ноумедӣ, ношукрӣ, нотавонӣ ва ғайра.

Дар ин боб ҷойи дигар калимасозии исм тавассути аффиксоидҳои исмсоз ва нақши калимасозии морфологӣ-синатксисӣ (конверсия) таҳлилу баррасӣ шуда, диссертант дар натиҷаи омӯзиши осори шоир ба хулосае омадааст, ки нақши ин қолиби калимасозии исм дар осори шоир мақоми барҷастаро касб мекунад.

Боби сеюми рисола "Калимасозии исмҳои мураккаб дар осори Шамсиддин Шоҳин" ном дорад. Диссертант боби мазкурро ба шаш фасл ҷудо

кардааст. Дар ин қисмати кори диссертатсионӣ диссертант сараввал нуқтаи назари забоншиносонро доир ба ҷойгоҳ, хусусиятҳои калимсозӣ ва усули сохташаваии калимаҳои мураккаб омӯхта, сари масъалаи мазкур андешаҳои худро низ баён кардааст. Сипас исмҳои мураккаби пайвасти бо такрори луғавӣ сохташуда, калимаҳои тақлидӣ-овозӣ, тавассути пешвандҳо сохта шудани исмҳои мураккаби пайваст омӯхта шуда, далелҳои зиёди забонӣ оварда шудааст.

Калимасозии исмҳои мураккаби тобеъ яке аз роҳҳои сермаҳсултарини калимасозии исмҳои мураккаб ба ҳисоб меравад. Ин усули калимасозӣ чи дар забони адабиёти классикӣ ва чи дар забони адабиёти муосир ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад. Дар эҷодиёти шоирону нависандагон исмҳои мураккаби тобеъ бо тамоми қолибҳои калимасозиашон хеле фаровон корбаст мешаванд. Дар осори Шамсиддин Шоҳин исмҳои мураккаби тобеъ ҷойгоҳи вижаро касб мекунанд. Аз рӯйи таҳқиқу омӯзиши диссертант дар осори Шамсиддин Шоҳин шумораи исмҳои мураккаби тобеъ ба 543 адад мерасад, ки ин нишондод аз истеъмоли корбурди исмҳои мураккаби пайваст 520 адад зиёд ба назар мерасад. Ин қиёскунӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки Ш. Шоҳин низ имкониятҳои фаровон ва қолабҳои калимасозии исмҳои мураккаби тобеъро пурра ба инобат гирифта, вожаҳои пурмаъниву камназир офаридааст. Ин ҷо як нуктаро бояд махсус таъкид намуд, ки диссертант исмҳои мураккаби тобеи таркиби осори шоирро бо дарназардошти қолаби калимасозӣ ба якчанд фасл ҷудо кардааст, ки ин иқдоми диссертант барои пурра ошкор кардани тамоми ҷузъиёти калимасозии исмҳои мураккаби тобеи осори Шоҳин шароити бисёр мусоидро фароҳам овардааст.

Дар қисмати хулоса мазмуну муҳтавои диссертатсия ба тариқи фишурда дар 18 банди ҷудогона натиҷагирӣ шудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ дар робита ба мавзуи диссертатсия 13

мақолаи илмӣ нашр кардааст, ки 7 мақолаи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 мақола дар конференсияи илмии байналмилалӣ, 1 мақола дар маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва 4 мақолаи дигар дар маҷаллаҳои дигари илмӣ ба чоп расидаанд. Маводи нашргардида нуктаҳои асосӣ мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро пурра инъикос мекунанд. Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Диссертатсияи мавриди назар дар баробари муваффақиятҳои арзишманд аз камбудиҳо орӣ нест ва зикри чанде аз онҳоро ба хотири пешрафти корҳои минбаъдаи диссертант лозим мешуморем:

1. Дар фасли дуюми боби якум, ки "Имкониятҳои калимасозии пешванду пасвандҳо дар вожасозии исм" аст, агар калимаи вожасозӣ ба калимасозӣ иваз мешуд, беҳтар буд.

2. Дар қисми феҳристи ихтисораҳо, ки шакли ихтисоршудаи адабиёти илмиву бадеист, дар баробари шарҳи ихтисораҳо номи муаллиф ва соли нашри онҳо дарҷ шудааст. Ба назари мо, дар дохили диссертатсия ва рӯйхати адабиёт қайд шуданашон кифоя аст.

3. Дар рисола феълҳои сунъисохт истифода шудаанд. Агар ба ҷойи "чашмандозӣ намуданд" "таваҷҷуҳ намуданд", ба ҷойи "ибрози андеша карданд"

“гуфтанд”, ба ҷойи “кӯшиш ба харҷ доданд” “кӯшиш карданд”, ба ҷойи “созмон доданд” “сохтанд”, ба ҷойи “кор бастааст” “истифода кардааст” истифода мешуд, беҳтар буд.

4. Дар диссертатсия ва автореферат истилоҳи таҳқиқ бо ду шакл: таҳқиқ ва таҳқиқот дарҷ шудааст. Ба андешаи мо, вақте ки сухан бевосита дар хусуси кори анҷомдодаи диссертант меравад, истифодаи истилоҳи таҳқиқ афзалтар аст.

5. Диссертатсияи мавриди назар босаводона навишта шуда бошад ҳам, вале аз ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ орӣ нест, ки ислоҳи онҳо ба манфиати рисолаи илмии унвонҷӯ хоҳад буд. Чунончи: а) ғалатҳои имлоӣ (саҳ. 2, 9); б) ғалатҳои услубӣ (саҳ. 15),

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои ҷойдошта ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсия ва таҳқиқоти анҷомдодаи диссертантро кам карда наметавонанд, зеро муаллифи он аз уҳдаи иҷрои мақсаду вазифаҳои дар кори таҳқиқотии худ гузошта сарбаландона баромадааст.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Сохтор ва муҳтавои автореферат бо диссертатсия мувофиқати комил дошта, он ва мақолаҳои банашррасонидаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

Мавзуи интихобнамудаи диссертант ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) комилан мувофиқат мекунад.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим дар мавзуи “Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин” ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ

шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

Тақризи мазкур тибқи талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
муаллими калони кафедраи забони тоҷикии
факултети филологияи рус, журналистика
ва медиатехнологияи Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон Амлоев А. Я.

*"Имзои номзади илми филологӣ
А.Я.Амлоевро тасдиқ мекунам"*
Сардори Раёсати кадрҳои ДСРТ Раҳимов А. А.
«5» феврали соли 2024

**Нишонӣ:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони М.Турсунода 30
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон
**Тел**: (+992) 917587778;
**E-mail**: amloev@mail.ru